# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Сироҷзода Нигина Раҷаб дар мавзуи «Асадулло Саъдуллоев – муҳаққиқи публитсистикаи муосири тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ**

Диссертатсияи Сироҷзода Нигина Раҷаб ба таҳқиқи вижагиҳои осори Асадулло Саъдуллоев ҳамчун муҳаққиқи публитсистикаи муосири кишвар ва олими соҳибмактаби соҳаи рӯзноманигорӣ бахшида шудааст. Ба таъкиди муаллифи диссертатсия, таҳқиқи Асадулло Саъдуллоев ба масъалаҳое равона шудааст, ки омӯзиши онҳо ҷиҳати муайян намудани моҳияти насри мустанад ва публитсистикаву журналистика ёрӣ мерасонад. Дар фаъолияти қариб нимасраи худ муҳаққиқ Асадулло Саъдуллоев беш аз 30 асари илмӣ ва ҳудуди 280 мақолаҳои илмиро таълиф намудааст. Омӯзиши фаъолияти сершохаи Асадулло Саъдуллоев имкон медиҳад, ки аз чанд дидгоҳ ба публитсистикаи муосири тоҷик назар афканем.

Дар диссертатсия бори аввал рӯзгор ва осори илмии Асадулло Саъдуллоев дар соҳаи публитсистика мавриди пажуҳиш қарор гирифта, мавқеи ӯ дар таҳқиқи насри мустанад, масъалаҳои назариявӣ дар публитсистика, масоилу муаммоҳои жанрӣ, сабку забону услуб, мундариҷаву мавзуъ, масъалаҳои рушду таназзули соҳа, мушкилоту монеаҳо, нақши адиб дар ташхиси равандҳои иҷтимоӣ, ташаккули мактаби илмӣ ва бисёр паҳлуҳои дигар нишон дода шудааст.

Диссертатсия ва автореферати Сироҷзода Нигина Раҷаб дар мавзуи «Асадулло Саъдуллоев – муҳаққиқи публитсистикаи муосири тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқат менамояд.

Натиҷаҳои таҳқиқ эътимодбахш буда, аз тарафи муаллиф бевосита дар марҳилаҳои гуногун коркард, тасвиб ва баррасӣ шудаанд.

Муаллифи диссертатсия дар таҳқиқи мавзуъ, таҳлили маводи ҷамъоварда ва таълифи мақолаҳои илмӣ мустақилият дошта, дар раванди корҳои таҳқиқотӣ бо роҳбари илмӣ машваратҳои илмӣ намудааст.

Муҳтавои асосии диссертатсия дар 7 мақолаи муаллиф, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтаанд. Мақолаҳои илмии диссертант натиҷаи пажуҳишҳои ӯ буда, дар шакли маърузаҳои илмӣ дар конференсияҳои гуногун пешниҳод гардидаанд.

Мақолаҳои илмии интишорёфтаи муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд. Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи унвонҷӯ фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд.

Дар матни диссертатсияи Сироҷзода Нигина Раҷаб истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Кори таҳқиқии муҳаққиқ аз муқаддима се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат буда, дар асоси талаботи «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ», ки бо фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 декабри соли 2024, №493 тасдиқ шудааст, таълиф гардидааст.

Дар қисмати муқаддимаи диссертатсия муаллиф аҳаммияти интихоби мавзуъро асоснок карда, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, объект ва мавзуи таҳқиқ, асосҳои назариявӣ, навгонии илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои

диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсияро таҳлил ва баррасӣ намудааст. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд. Мазмуни диссертатсия дар се боб баррасӣ гардидааст. Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъйин шудааст.

Диссертатсия ба талаботи банди 31, 33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад.

Аҳаммияти таҳқиқ, навгониҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин хулоса омад, ки диссертатсияи Сироҷзода Нигина Раҷаб дар мавзуи «Асадулло Саъдуллоев – муҳаққиқи публитсистикаи муосири тоҷик» кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Сироҷзода Нигина Раҷаб дар мавзуи «Асадулло Саъдуллоев – муҳаққиқи публитсистикаи муосири тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-020-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

– **Муллоев Шариф Боқиевич** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи журналистикаи ватанӣ ва байналмилалии Муассисаи таълимии байнидавлатии маълумоти олии «Донишгоҳи (славянӣ) Россия ва Тоҷикистон»;

– **Сафарзода Манучеҳри Наҷот** – доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисоси рӯзноманигорӣ, муовини сардори Раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ.

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Муассисаи давлатии таълимии таҳсилоти олии касбии «Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода»** пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ Саъдуллоев Ҷ.М.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ Қудбуддинов А.Ҳ.

доктори илмҳои филологӣ,
узви шурои диссертатсионӣ Салихов Н.Н.

Подпись заверяю
Начальник УК РТСУ
Рахимов А.А.

**«09» июли соли 2025**